**аз 27.12.2024, №24613/11.1**

Мақомоти ҳудудии андоз
ва андозсупорандагон

Оид ба меъёри рентаи содиротӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки мутобиқ ба муқаррароти моддаи 325 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2025 то 31 декабри соли 2026 меъёри рентаи содиротӣ ба андозаи 4 фоиз аз манбаи андоз муқаррар гардидааст. То 31 декабри соли 2024 меъёри мазкур 2 фоизро ташкил медод.

Супорандагони рентаи содиротӣ шахсоне мебошанд, ки консентрати металлҳои қиматбаҳо, сиёҳ, ранга, нодир, радиоактивӣ, ашёи хоми кимиёвии кӯҳӣ, сангҳои қиматбаҳо, ашёи хом аз сангҳои ороишии аз коркарди аввалия гузашта, пахтаи коркарднашуда, нахи пахта, калоба ва ресмони пахтагин, пилла, риштаи абрешимӣ, пашм ва пӯстро аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содирот менамоянд.

Объекти андозбандии рентаи содиротӣ ҳаҷми мол ва манбаи он арзиши моли аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содиротнамудаи андозсупоранда дониста мешавад.

Бинобар ин, субъектҳои хоҷагидоре, ки аз 1 январи соли 2025 содироти молҳои номбаршударо аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд, ухдадор мебошанд, ки рентаи содиротиро бо меъёри 4 фоиз аз манбаи андоз ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки андозсупорандагонро оид ба тағйир ёфтани меъёри рентаи содиротӣ огоҳ намоянд.

Раис Н. Давлатзода